**№5454/12.5 аз 24.05.2016**

Мақомоти ҳудудии андоз
(тибқи рӯйхат)

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки тибқи талаботи Фармоиши Кумитаи андоз аз 09.03.2016, №78 мақомоти ҳудудии андоз вазифадор карда шудаанд, ки ҳисобкунакҳои таҷҳизоти (калонка) нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории (НФС) дар қайди нозиротҳои андози маҳалли фаъолияти андозсупорандагонро муҳргузорӣ намуда, нишондиҳандаҳои ҳисобкунакҳоро тибқи замимаи №1 ба Фармоиши мазкур қайд намоянд.

Мақсад аз гузоштани муҳр дар ҳисобкунакҳои таҷҳизотҳои НФС пешгирии пинҳонкуниҳои даромадҳои воқеии андозсупорандагон ва дарёфти манбаҳои нави андозбандӣ мебошад.

Дар банди 6 Фармоиши зикршуда мақомоти ҳудудии андоз фазифадор карда шудаанд, ки то санаи 5 моҳи ҳисоботӣ тибқи замимаи №3 оид ба ҳолати муҳргузории анҷомдода ба Кумитаи андоз ҳисобот пешниҳод намоянд.

Мутаассифона, бовуҷуди зиёда аз 2 моҳ гузаштан аз супориши додашуда, ба истиснои гурӯҳи кории Кумитаи андоз, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба НФС – ҳои дар қайди НАМ ва НАК қарор дошта муҳр гузоштанд ва қисман мутахассисони Раёсати андоз дар в.Суғд дар ин самт корҳо анҷом додаанд, дигар раёсатҳои андоз ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурӣ талаботи Фармоиши Кумитаи андоз аз 09.03.2016, №78 – ро риоя накарда, бемасъулиятӣ зоҳир намуда истодаанд.

Ба хусус, нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва НТҶ оид ба супориши дар Фармоиш пешбинишуда хунукназарӣ намуда, ҳатто шахсони масъулро барои масъалаи мазкур бо фармоишҳои дохилии худ таъин накардаанд.

Тибқи маълумотҳои дастрасшуда, дар ҳудуди нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои И.Сомонӣ, Фирдавсӣ, Сино, Шоҳмансур, Файзобод, Ваҳдат, Турсунзода, Ҳисор, Шаҳринав, Варзоб, Рӯдакӣ, Қурғонтеппа ва дигарон шахсони воқеӣ тавассути нақлиётҳо ва зарфҳои махсус беқайди мақомоти андоз ба фурӯши сӯзишворӣ машғул мебошанд. Гарчанде аз ҷониби гурӯҳҳои кории Кумитаи андоз нисбати баъзе аз чунин ашхос чораҳои маъмурӣ андешида шуда бошад ҳам, баъд аз анҷоми мӯҳлати фаъолияти гурӯҳҳои корӣ аз беамалӣ ва бемасъулиятии кормандони

нозиротҳои андоз шахсони воқеӣ ба фаъолияти ғайриқонунии худ идома дода истодаанд.

Бо назардошти талаботи Фармоиши Кумитаи андоз аз 09.03.2016, №78 ва қонуншиканиҳои муайянкардашуда сардорони раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе, вилоятҳо ва нозиротҳои андоз бори дигар огоҳ карда шуда, вазифадор карда мешаванд, ки:

- тибқи фармоиши дохилӣ як (ё ду ) нафарро барои муҳргузорӣ ва таҳлили ҳисоботҳои НФС шахси (они) масъул таъин намоянд;

- тамоми ҳисобкунаки таҷҳизоти (калока) НФС – ҳои дар ҳудуди ноҳияҳо ҷойгиршуда бо назардошти нақлиётҳоро муҳргузорӣ намуда, ҳар санаи 5 моҳи ҳисоботӣ ба Кумитаи андоз оид ба корҳои анҷомдода ҳисобот пешниҳод намоянд;

- НФС – ҳое, ки ҳисобкунак надоранд уҳдадор карда шаванд, ки дар кутоҳтарин муҳлат ба таҷҳизотҳо ҳисобкунак насб намуда, дар сурати иҷро накардани талаботи қонунии шахси мансабдори мақомоти андоз нисбати чунин андозсупоранда тибқи моддаи 600 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чораҷӯӣ карда шавад;

андозсупорандагоне, ки вобаста ба имконияти техникӣ ва норасоии барқ дар ноҳияҳои дурдаст тавассути зарфҳо сӯзишвориро ба фурӯш баровардаанд, сӯзишвории дар зарфҳо мавҷудбуда ҳисоб карда шуда, ба сарпӯш ва ҷумаки зарфҳои сӯзишворӣ муҳр гузошта шавад. Барои ҳар як навбати пур кардани зарфҳо бо сӯзишворӣ бо тартиб додани санад муҳри нав гузошта шавад.

- охири ҳар моҳ санаи 30-31 нишондиҳандаи ҳисобкунакҳои НФС – ро бо ҳисоботи андозсупорандагони ба фурӯши сӯзишворӣ машғулбуда муқоиса намуда, дар сурати ошкор гардидани фарқият мутобиқ ба талаботи моддаҳои 22, 28, 37, 38 ва 40 Кодекси андоз чораҳои дахлдор андешида шавад.

Раис Н. Давлатзода